**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи унвонҷӯ Раҳимов Ҷамшед Хуҷамуродович дар мавзуи “Ташаккули донишҳои одитарини физикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими математика” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ (илмҳои педагогӣ)**

Кори таҳқиқотии Раҳимов Ҷамшед Хуҷамуродович мавзуи мубраму муосири педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ буда, проблемаи амалисозии тамоили ҳамгироӣ дар раванди таълим баррасӣ шудааст.

Ҳамгироӣ ҳамчун воситаи амалисозии робитаи байни фанни ба инкишофи дониш, малакаю маҳорат ва навгонии донишҳо равона карда шудааст. Айни замон, ҳамгироӣ бояд фақат донишҳои андӯхташавандаро ба системаи ягона муттаҳид созад, на ин ки бо таълими анъанавии фанҳо иваз намояд. Аммо масъала аз тарафи таҳқиқотчиён гуногун маънидод карда шудани мафҳуми муҳокимашаванда нигоҳ накарда, ҳамаи онҳо дар чунин ҳамфикр мебошанд, ки ҳамгироӣ бо худ ҷараёни ба даст овардани нуқтаи назари яклухтро бо олами атроф таҷассум намуда, асоси он робитаҳои байнифаннӣ мебошанд.

Чи хеле ки таҷриба нишон медиҳад, робитаи байнифаннӣ дар раванди омӯзиши муассисаҳои таҳсилотӣ яке аз воситаҳои асосии амалисозии ҳамгироии донишҳо, маҳорату малакаҳои илмӣ ва ҳаётиро ифода мекунанд. Ин робитаҳо боиси баландшавии омодагии амалӣ ва назариявӣ-илмии хонандагон мегардад, аз ҷониби хонандагон боиси дарки ҷабҳаҳои умумии фаъолияти азхудкунӣ мебошад.

Бо ёрии бисёрсамтии робитаи байнифаннӣ на фақат масъалаҳои нав дар сатҳи сифатан баландтар, балки ҳадафҳои инкишоф ва тарбияи хонандагон низ дар ҷодаи системанок ва масъалаҳои мураккаб вобаста ба имкониятҳои воқеӣ ҳал карда мешаванд. Бинобар ин, робитаи байнифаннӣ яке аз рукнҳои

асосӣ ва зарурии ташаккули донишҳои табиии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавриди таълими фанҳои табиӣ-математикӣ мебошад. Дар ин синну сол хонандагон аллакай оид ба донишҳои одитарини физикӣ доир ба фанҳои табиӣ то андозае малака пайдо мекунанд. Аз курси табиатшиносӣ, математика, технология ва инчунин аз таҷрибаи ҳаёташон ва дигар сарчашмаҳо оид ба хосиятҳои объектҳои табиӣ ошноӣ пайдо мекунанд. Бинобар ҳамин, ин проблема рӯзмарра буда, ҷабҳаҳои бисёреро дарбар мегирад.

Аз таҳлили кори муаллиф ва таҳқиқотчиёни дигар хулоса бароварда, ҳамгироиро бо маънои муҳокимашаванда ҳамчун робитаи байниҳамдигарии табиии фанҳои таълимӣ, ашёҳо, бобҳои ҷудогона муайян карда, дар асоси ғояи муттаҳидкунандаи пайдарпай, ҳаматарафа ошкор намудани чараён ва зуҳуротҳои омӯхташавандаро муайян намудан мумкин аст.

Дар кор барои дарёфти мақсад, объект, предмет ва фарзияи таҳқиқот, масъалаҳои таҳқиқот саҳеҳ ва мухтасар ифода ёфтаанд. омӯзиш ва таҳлили адабиёт оид ба мазмун ва мундариҷаи робитаи байнифаннии предметҳои табиӣ-математикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ; муайянкунии имкониятҳои математикаи синфҳои ибтидоӣ дар ташаккули донишҳои одитарини физикӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ; пайдоиши шавқу ҳаваси хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавриди ташкили самараноки корҳои беруназдарсӣ аз физика ва амалан санҷидани системаи коркарди методии пешниҳодгардидааст.

Ҳамзамон, ҳадафҳои гузошташуда истифодаи методҳои зерини таҳқиқотро пеш овард:

- методҳои назариявии таҳқиқоти масъалаҳои методӣ (таҳлил, таркиб, ҷамъбасткунӣ, монандкунӣ ва моделсозӣ);
- методу шаклҳои кори озмоишӣ (марҳилаи барқароркунӣ, муайянкунӣ, ташаккулдиҳанда, мушоҳида, назарпурсӣ, тестӣ, корҳои озмоишӣ, санҷиши амалӣ, амалисозии ҳалли методии масъалаҳо).

Аҳамияти назариявии тадқиқоти Раҳимов Ҷамшед Хуҷамуродович аз

он иборат аст, ҳиссагузорӣ дар коркарди системаи методии таълими фанҳои табиӣ-математикӣ тибқи амалисозии тамоили ҳамгироӣ ба назария ва методикаи таълими математика дар синфҳои ибтидоӣ иҷро шуд, ки боиси талаботи мувофиқаи маводҳои таълими фанҳои табиӣ-математикӣ, методҳою шаклҳои ташкили фаъолияти таълимӣ азбаркунии хонандагон, меъёри ташаккулёфтаи донишҳои одитарини физикӣ ва шавқу ҳавас ба фанни физика гардидааст.

Аҳамияти амалии таҳқиқоти Раҳимов Ҷамшед Хуҷамуродович аз он иборат аст, ки коркарди методии ташаккули донишҳои одитарини табиӣ дар раванди таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ, ки дар сохтору мазмуну мундариҷаи китоби дарсӣ, дастурҳои таълимию методӣ истифодаи имконпазирро фароҳам меорад. Ин натиҷаро метавонанд дар омодагии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар донишкадаю, донишгоҳҳо ва коллеҷҳои омӯзгорӣ, инчунин дар курсҳои такмили ихтисоси муаллимони синфҳои ибтидоӣ истифода намудан аз манфиат холи нест.

Макони озмоиши педагогӣ ва татбиқи натиҷаҳои тадқиқот дар раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №№7, 34, 53 ва 70-и шаҳри Душанбе, муассисаи давлатии таълимии литсейи №4 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №№18, 50-и шаҳри Панҷакент ба таври озмоиши педагогӣ ба роҳ монда шуда, натиҷаҳои он таҳлилу ҷамъбаст карда шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар 17 мақолаҳое, ки нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқотро ифода мекунанд, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои тақризшавандаи тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Россия мансуб доранд.

Мазмуну мӯҳтавои автореферат, ки ба забони тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ таълиф гардидаанд, пурра мувофиқат дошта, мундариҷаи корро инъикос карда метавонад.

Автореферат пайдарпайи навишти мантиқӣ дошта, он дар сатҳи зарурии илмӣ мураттаб шуда, мазмун ва мӯҳтавои таҳқиқоти

гузаронидашударо дарбар мегирад.

Диссертатсияи Раҳимов Ҷамшед Хуҷамуродович кори илмӣ-таҳқиқотии анҷомёфта буда, ки навгонии илмӣ, аҳамияти назариявию амалӣ дорад ва ба ҳамаи ба талаботи Низомномаи КОА-и Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба Тартиб додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ, ки ба бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи доктори фалсафа-PhD, аз рӯйи ихтисоси 6D010200 – Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ (илмҳои педагогӣ) арзанда мебошад.

Муқарриз, доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи алгебра ва
геометрияи Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав: Шодиён М. С.

Имзои С. М. Шодиёнро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишггоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав: Ҷ. Шукурзод